“ Тасдиқ мекунам “
Ректори МТҒ “Донишкадаи тиббӣ иҷтимоии Тоҷикистон”
__________ н.и.и. З.Ҳ. Ибодзода
“___” ________ соли 2022 №33

# НИЗОМНОМАИ
# ШӮЪБАИ КОР БО ДОНИШҶӮДУХТАРОН ВА ОИЛАИ
# МТҒ “ДОНИШКАДАИ ТИББӢ - ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН”

Душанбе 2022

## НИЗОМНОМАИ
## ШӮЪБАИ КОР БО ДОНИШҶӮДУХТАРОН ВА ОИЛАИ МТҒ "ДОНИШКАДАИ ТИББӢ - ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН"

### 1. Муқаррароти умумӣ.

1.1. Шӯъбаи кор бо донишҷӯдухтарон ва оилаи МТҒ "Донишкадаи тиббӣ - иҷтимоии Тоҷикистон" (минбаъд шӯъба) воҳиди мустақили донишкада буда, сиёсати давлатиро оид ба ҳифз ва таъмини манфиатҳои донишҷӯдухтарон ва оила татбиқ намуда, барои расонидани кӯмаки ҳамаҷониба дар масъалаи баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа, ташкил намудани шароитҳои баробар барои амалӣ гардидани ҳуқуқу манфиатҳои онҳо ва таъмин намудани баробарии гендерӣ, ташаккули фаъолияти меҳнатӣ ва ҷамъиятию сиёсии занон, васеъ намудани доираи иштироки онҳо дар ҳалли вазифаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, ҳамоҳанг намудани фаъолияти шӯъба бо созмонҳои ҷамъиятии фаъолияткунандаи занон ва оила, дар ҳалли проблемаҳои занон, оила ва ҳифзи модару кӯдак мусоидат мекунад.

1.2. Роҳбари шӯъба аз тарафи ректори донишкада ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад. Дар фаъолияти худ ба ректори донишкада ва муовини ректор оид ба тарбия ҳисоботдиҳанда мебошад.
Шӯъба фаъолияти худро мутобиқи супориш, амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарор ва фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарор ва амрҳои Раиси шаҳри Душанбе, қарор ва супоришҳои кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, раёсати кор бо занон ва оилаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, санадҳои байналмилалие , ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, қарор ва фармоишҳои муассис, ректори донишкада ва муовини ректор оид ба тарбия, қарорҳои раёсат, Шӯрои олимони донишкада ва инчунин Низомномаи мазкур амалӣ менамояд.

1.3. Мудири шӯъба дар доираи салоҳияти худ назоратро дар мавриди такмили масъалаҳо доир ба ҳифзи иҷтимоии зан ва оила ва дигар санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқии ба манфиатҳои донишҷӯдухтарон ва оила дахолатдоштаро ба роҳ монда, онҳоро амалӣ менамояд.

### 2. Сохтор ва тартиби ташкили шӯъба.

2.1. Низомномаи шӯъбаи кор бо донишҷӯдухтарон ва оилаи МТҒ "Донишкадаи тиббӣ -иҷтимоии Тоҷикистон" баъди баррасӣ ва ҷонибдории он дар ҷаласаи Шӯрои олимони донишкада, ректори донишкада тасдиқ мекунад. Дар сохтори донишкада соҳаи кор бо донишҷӯдухтарон ва оила дар шакли шӯъба ташкил карда шуда, бо

номи “Шӯъбаи кор бо донишҷӯдухтарон ва оила”-и МТҒ “Донишкадаи тиббӣ -иҷтимоии Тоҷикистон” фаъолият мекунад.

2.2. Дар сурати пурра ба кор даромадани донишкада ва қабули сад дар сади донишҷӯён муассис ё ректори донишкада метавонад дар сохтори шӯъба воҳидҳои кории иловагӣ ворид намояд.

2.3. Дар назди шӯъба маҳфили “Худшиносии бонувон” амал мекунад , ки он ба мудири шӯъба ҳисоботдиҳанда мебошад.

## 3. Самтҳои асосии фаъолияти шӯъба.

3.1. Иштирок дар таҳия ва татбиқи стратегияи сиёсати давлатӣ оид ба таъмини баробарии гендерӣ, барномаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва беҳтаргардонии вазъи донишҷӯдухтарон (бонувон), ҳифзи оила, модар ва кӯдак дар қаламрави ҷумҳурӣ ва донишкада.

3.2. Фароҳам овардани шароит барои ҷалби донишҷӯдухтарон (бонувон) дар ҷараёни қабули қарорҳои раёсат ва Шӯрои олимон , муассис ва ректори донишкада оид ба масъалаҳои сиёсӣ иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва дигар самтҳои ҳаёти ҷомеа ва донишкада.

Мавриди иҷро қарор додани стратегияи рушди сиёсати давлатӣ оид ба ҳифз ва таъмини манфиатҳои донишҷӯдухтарон ва оила бо назардошти хусусияти ҳар яки онҳо дар донишкада ва зерсохторҳои он.

3.3. Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои идона, мизҳои мудаввар, маҳфилҳои саволу ҷавоб, конференсияҳову машваратҳо дар байни донишҷӯдухтарон ва занони донишкада.

3.4. Ғамхорӣ ҷиҳати беҳбудии шароити меҳнат, истироҳати занон бо мақсади нигаҳдории тандурустии модару кӯдак, муайян намудани шароитҳои зарурӣ барои таъмини фаъолияти онҳо дар ҷараёни кор, баланд бардоштани ҳисси масъулияти оиладориву тарбияи фарзандон ва таҳкими оила.

3.5. Иштирок дар ташкил ва амалӣ намудани тадбирҳо оид ба пешгирии тамоми шаклҳои зӯроварӣ нисбати занон ва андешидани чораҳои мушаххас бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ин самт.

3.6. Мусоидат дар татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии умумӣ, такмили тахассусии занон, таъмини баробарии гендерӣ дар самти маълумотгирии тахассус ва шуғл, таъмини татбиқи ҳуқуқҳои онҳо ба меҳнат дар шароити иқтисоди бозоргонӣ, дастгири дар фаъолияти соҳибкорӣ ва тиҷорат, инчунин ҳифзи иҷтимоии онҳо.

3.7. Ҳамкори бо роҳбарони бахши кор бо донишҷӯдухтарони факултетҳои донишкада ва мутобиқ гардонидани фаъолияти онҳо бо нақшаи чорабиниҳои донишкадавӣ;

3.8. Таъмин намудани иштироки фаъолонаи донишҷӯдухтарон ва занон дар чорабиниҳои тарбиявӣ, корҳои сиёсиву ҷамъиятӣ, шанбегиҳо,чорабиниҳои гуногуни донишкада ва ғайра;

3.9. Ба танзим даровардан ва таҳти назорат қарор додани фаъолияти роҳбарони бахши кор бо донишҷӯдухтарон ва занони донишкада;

3.10. Назорати доими аз болои рафти амалигардонии Низомномаи Шӯъбаи кор бо донишҷӯдухтарон ва оилаи донишкада ва нақшаи кории онҳо;
3.11. Мавриди омӯзиш қарор додани таҷрибаи беҳтарини роҳбарони бахши кор бо донишҷӯдухтарон ва занони факултетҳо;
3.12. Мавриди баррасӣ қарор додани масъалаи интихоб ва таъин намудани роҳбарони бахши кор бо донишҷӯдухтарон ва занони факултетҳои донишкада ва пешниҳод намудани фикру хулосаҳои худ ба раёсати донишкада;
3.13. Назорат аз болои рафти иҷрои корҳои нақшавӣ ва тарбиявӣ дар байни донишҷӯдухтарон ва занони факултетҳои донишкада;
3.14. Назорати мунтазам аз болои ҳуҷҷатнигории роҳбарони бахши кор бо донишҷӯдухтарон ва занони факултетҳои донишкада;
3.15. Бо ҳам мутобиқгардонии фаъолияти созмони ҷавонон, Шӯрои кураторон ҳамкор бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ;
3.16. Тибқи талаботи ҷорӣ таҳия намудани ҳуҷҷатнигории Шӯрои занон ва оилаи донишкада ва гузаронидани вохӯриҳо, сӯҳбатҳо бо донишҷӯдухтарон ва занони факултетҳои донишкада;
3.17. Сафарбаркунии донишҷӯдухтарон ва занони донишкада ба рӯзҳои ягонаи ахбори сиёсӣ миқёси ҷумҳурӣ, гузоштани саҳми муносиб дар тамоми чорабиниҳои фарҳангӣ, иҷтимоиву сиёсӣ;
3.18. Иштироки фаъолона дар давраи тартиб додани нақшаи кори ҳарсолаи бахши кор бо донишҷӯдухтарон ва занони факултетҳои донишкада;
3.19 Таҳти назорати доими қарор додани иҷрои фармоишу супоришҳои раёсати донишкад;
3.20. Пешниҳод намудани маълумоти саривахтӣ ба муовини ректор оид ба тарбия оид ба корҳои ба анҷом расонидашуда;
3.21. Дар ҳолатҳои зарурӣ ҷалби афкори умум ба мушкилиҳои пешомада тавассути расонаҳои ахбори умум ва дигар чорабиниҳои оммавӣ.

## 4. Ҳуқуқҳои шӯъба.

4.1. Иштироки фаъолона дар омода намудани пешниҳод ба мақомоти дахлдор оид ба тадбирҳои вобаста ба таъмини баробарии гендерӣ дар ҳама соҳаҳои ҷамъиятиву сиёсӣ, дастгирӣ ва ҳимояи иҷтимоии занон ва оила бо назардошти шароитҳои иҷтимоӣ – иқтисодии донишкада.
4.2. Метавонад доир ба нишондиҳандаҳои демографии ифодакунандаи шароити иҷтимоиву иқтисодии занон таҳлили ҳамаҷониба гузаронад, дар ин асос дилхоҳ барномаҳои беҳдошти вазъи демографии ҳолати зан ва оиларо таҳия намояд, татбиқи ин намуд барномаҳоро ҳамоҳанг созад.
4.3. Фаъолияти худро дар самти муносибатҳои навоварона оид ба ҳалли проблемаҳои занон ва оила ба роҳ монад, афкори мусбати ҷамъиятиро доир ба мақомоти зан дар ҷомеа, ташаккул диҳад.
4.4. Имкониятҳои васеи воситаҳои ахбори умумро барои фаҳмидани ҳуқуқи занон, асосҳои баробари гендерӣ ва паҳн намудани иттилоот оид ба

вазъи занон истифода намояд. Дар заминаи мазкур тарғиби тарзи ҳаёти солим, камолоти маънавӣ ва муносибати бошууронаи ҷавононро ҳангоми бунёди оила ба роҳ мемонад.

4.5. Робитаҳоро бо ташкилотҳои байналмилалӣ, мақомоту ташкилотҳои давлатӣ ва ғайриҳукуматие, ки ҳуқуқу манфиатҳои занонро ҳимоя менамоянд, ба роҳ монад.

4.6. Ба машваратҳои худ ҳангоми зарурат, масъулини мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳои шаҳр, роҳбарону ташкилоту муассисаҳо ва идораҳо даъват намояд.

4.7. Муроҷиат, ариза ва пешниҳоди донишҷӯдухтарон ва занони донишкада, ки марбут ба салоҳияти шуъба ҳастанд, сари вақт ва бо сифат баррасӣ намуда, аз натиҷаи он ҷониби дилдорро огоҳ созад.

4.8. Аз ташкилоту муассиса ва идораҳои дахлдор матлаберо, ки шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқии оила, дараҷаи ҳифз ва ҳолати саломатии кӯдакону занонро ошкор мекунанд, талаб намояд.

4.9. Бо ташкилоту муассиса, идора ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ оид ба масъалаҳои беҳтар намудани шароитҳои иҷтимоиву маишӣ ва меҳнати занони коргар ва кӯдакон ҳамкорӣ кунад.

4.10. Доир ба проблемаҳои беҳтар намудани вазъи иҷтимоии занону кӯдакон конференсияҳову симпозиумҳои сатҳи гуногун доир намояд, инчунин дар чорабиниҳое, ки созмонҳои байналмилалӣ аз рӯи масъалаҳои марбут баргузор менамоянд, ширкат варзад.

## 5. Уҳдадориҳои шӯъба.

5.1. Фаъолияти худро дар асоси нишондодҳои Низомномаи мазкур ба роҳ монад.

5.2. Мунтазам моҳи декабри соли ҳисоботи ба муовини ректор оид батарбия доир ба фаъолияти худ ҳисобот пешниҳод намояд.

5.3. Манфиатҳои шӯъба ва донишкадаро ҳифз намуда, онҳоро дар байни ҷомеа тарғиб намояд.

## 6. Тартиби ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Низомнома.

6.1. Ба Низомномаи мазкур тибқи қоидаҳои амалкунандаи ҷорӣ метавонанд, тағйироту иловаҳо ворид намоянд.

## 7. Қатъшавии фаъолияти шуъба

7.1. Фаъолияти шуъба катъ мегардад:

- бо қарори муассиси (ректори) донишкада;
- дар асоси қарори судӣ.

Низомномаи мазкур дар ҷаласаи Шӯрои олимони донишкада 25.02 соли 2022 (протоколи №8/5-1) баррасӣ гардида ҷонибдорӣ карда шудааст.